**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхисии шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хӯҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” оид ба диссертатсияи номзадии Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Комиссияи ташхиси назди Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 026-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раиси комиссия **Ш.А.Шаропов** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор; аъзоён **Г.Б. Мухаметов** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор ва **Н.А.Ҳамробоев** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, оид ба қабул намудани диссертатсияи **Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Ислоҳоти ҷадиде, ки солҳои соҳибистиқлолии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омада истодаанд, боиси тағйиротҳои куллӣ дар фазои иҷтимоӣ-сиёсии ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, дар низоми таҳсилоти ватанӣ мегарданд. Робитаҳои иҷтимоӣ ба афкори ҷамъият таъсиргузор буда, барои дар сатҳи зарурӣ баровардани низоми тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллии сокинон мусоидат намуд. Дигаргун гардидани сохти давлатдорӣ, интихоби самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ, амалӣ сохтани низоми демократӣ дар раванди кори давлатдорӣ дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ натиҷаҳои назаррас ба бор овcovered ки имрӯз натанҳо аз ҷониби сиёсатмадорону таҳлилагарони дохилӣ, балки хориҷӣ низ эътирофу писандида мебошанд. Дар “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030” нақши таҳсилот ҳамчун захираи калидии муҳим арзёбӣ шудааст, ки он рушди минбаъдаи иҷтимоию

иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад. Дар санади мазкур ҳолати ҷории таҳсилоти миллӣ, проблемаҳо ва масоли муҳими он тавсиф гардида, ҳамчунин вазифа ва мақсадҳои рушди он муайян карда шудааст. Муассисаҳои таълимии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои тарбиявиеро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки ба фаъолияти хонандагон таъсири мусбӣ мерасонанд. Корҳои зиёде амалӣ карда мешаванд, ки ба натиҷанокӣ ва татбиқи сифатҳои маънавӣ ва фаъолияти тамоюлноки хонандагон, новобаста аз синну сол ва ҷинсияти онҳо, нигаронида шудаанд. Дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади таъсири мусбӣ расонидан ба ташаккули шахсияти оянда, аз ҷумла дар самти тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ, мунтазам корҳои ҳадафманд роҳандозӣ мегарданд.

Дар замони муосир яке аз омили муҳим дарки масоили ташаккул ва рушди сифати шаҳрвандӣ, ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон, наврасон ва ҷавонон ба ҳисоб меравад. Ташаккули сифатҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон тавассути таъриху кишваршиносӣ имкониятҳои васеи зоҳиршавии қобилиятҳои шахсии онҳоро фароҳам оварда, барои дар оянда пайдо кардани ҷойгоҳ ва мақоми муносиб дар ҷомеа ва ифодаи мавқеи шаҳрвандӣ-ватандӯстиашон шароити мусоид фароҳам меорад.

Муҳиммияти тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар қонунҳо ва санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи низоми давлатии маориф дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, ки мақсади онҳо рушди соҳаи маориф, баландбардории сифати таълиму тарбия мебошад, асоснок карда шудааст.

Хуллас, доираи масъалаҳои зикргардида, мубрамияти мавзӯи диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддинро собит месозанд.

***Дар асоси омузиш ва таҳлили диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин комиссияи ташхисӣ чунин хулоса мекунад:***

1. Диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ» ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, пажӯҳиши ҳамаҷонибаи низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегирад.

2. Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди таълиму тарбия, такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои қонунгузории соҳаи маорифи кишвар метавон истифода кард.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ки аз рӯи он ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, № 81 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 14 номгӯи интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф дар теъдоди 4 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровaрда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

6. Рисола ба талаботи банди 31-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

7. Таҳқиқоти диссертатсионии Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ» дар доираи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, ба ихтисоси 13.00.01 педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқанд.

***Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61 Низомномаи "Шурои диссертатсионӣ"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:***

1. Дар заминаи таҳлили ҳамаҷониба, махсусан мундариҷа ва мақсади таҳқиқот ҳайати комиссияи ташхиси ба хулоса омад, ки номи мавзуи диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин ҷузъан тағйир дода шавад, яъне таҳти унвони «Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ» муайян карда шавад.

2. Диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзӯи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" барои ҳимоя қабул карда шавад.

3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1). **Давлатзода Ҷамила -** доктори илмҳои педагогӣ, директори Коллеҷи омузгории шаҳри Ҳисор.

2). **Аҳророва Гулчеҳра Усмоновна** – номзади илмҳои филогогӣ, дотсент, муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3). **Ба ҳайси муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тавсия карда мешавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия,** доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, узви шурои диссертатсионӣ Шаропов Ш.А.
*Тел: +992(92)771-78-70; E-mail: sharofzod54@mail.ru*

**Аъзоёни комиссия:**

д.и.п., профессор, узви шурои диссертатсионӣ Мухаметов Г.Б.

д.и.ф., дотсент, узви шурои диссертатсионӣ Ҳамробоев Н.А.

*"Имзоҳои Ш.А. Шаропов, Г.Б. Мухаметов ва Н.А. Ҳамробоевро тасдиқ мекунам"*

*Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси*
*МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"* *Ҳусейнова З.С.*

*14.06.2024*

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС